Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017-и
назди Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити рушди равандҳои ҳамгирой яке аз шартҳои муҳими ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ба шумор меравад. Амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳими амалӣ намудани маҷмӯи тамоми чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии давлат тавсиф меёбад. Ин аз он сабаб аст, ки кишварҳои донори сармоягузориҳо манфиатҳои шахсии худро дар раванди сармоягузорӣ пайгирӣ намуда, ба ивази соҳиб шудан ба захираҳои табиӣ, сармояи инсонӣ, гирифтани фоидаи зиёд сармоягузорӣ мекунанд, ки дар бисёр холат бар зарари манфиатҳои иқтисодии мамлакати сармояворидкунанда мебошад.(саҳ.3).

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки дар ҷамъбаст кардани корҳои илмӣ-амалии таҳқиқотии чандинсолаи муаллиф аз рӯи нуқтаи назари гуногуни ташаккулёбӣ ва рушди тамоми ҷанбаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагии он ва ҷалби сармояи хориҷӣ иборат мебошад.(саҳ.12).

Диссертант қайд менамояд, ки ҷаҳонишавии молиявӣ дар шакле, ки дар он вуҷуд дорад, ин фароҳам овардани шароит барои иштироки баробари марказҳои иқтисодии минтақавӣ дар низоми молиявии байналмилалӣ набуда, балки ҳамгирроии онҳо ба матритсаи аллакай мавҷудбудаи институтҳои молиявии ҷаҳонии тахти назорати англо-амрикоӣ ҷойдошта мебошад. (саҳ.19).

Дар раванди таҳқиқот муаллиф исбот намудааст, ки норасоии захираҳои молиявӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳаракати байналмилалии сармоя ба сифати воридоткунанда ба Тоҷикистон мусоидат мекунад. Вале ба мамлакат ҷалб намудани миқдори зиёди сармояи хориҷӣ ӯро вобастаи сармоягузорони хориҷӣ мегардонад. Барои пешгирии ин раванд низоми амнияти сармоягузорӣ истифода мешавад. (саҳ 26).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки амнияти сармоягузориро дар раванди сармоягузории хориҷӣ ҳамчун як рукни муҳими амалӣ намудани

маҷмӯи тамоми амалҳо оид ба ҳифзи амнияти иқтисодии давлат тавсиф кардан мумкин аст. (саҳ. 29).

Дар автореферати диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки хусусиятҳои танзими сармоягузорӣ дар кишварҳои давраи гузариш ба ҳалли масъалаҳое, аз қабили нарасидани нерқи баландихтисос, коррупсия, чаҳорчӯби танзими пешбининашаванда ва қонунгузорие, ки аксаран ислоҳ мешаванд ва нигарониҳо дар бораи волояти қонун алоқаманд аст.(саҳ.31).

Аз таҳлили раванди ҳамкориҳо бармеояд, ки раванди институтсионализатсия дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ шиддат гирифта, аз мавҷудияти дигаргуниҳои бунёдӣ дар арсаи байналмилалӣ вобаста мебошад, ки бо сустшавии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, сатҳи баланди хароҷоти транзаксионӣ марбут ба коррупсия ва рафтори оппортунистӣ алоқаманд аст. Ҳамаи ин омилҳо ба инкишофи равандҳои ҳамгироӣ таъсири калон мерасонанд. (саҳ. 50).

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ исбот шудааст, ки ба омилҳои асосии дохилии институтсионалӣ барои таъмини амнияти сармоягузорӣ институти давлат: дараҷаи демократӣ будани он, сатҳи коррупсия ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ, танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликият, фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, миқдор ва сифати меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди сармоягузорӣ дохил мешаванд (саҳ.51).

Унвонҷӯ омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намуда, оиди беҳтар намудани онҳо тавсияҳои муфидро пешниҳод намудааст.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд.

1.Дар автореферат масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар заминаи таъсиси кластери истеҳсоливу тиҷоратӣ маълумот оварда нашудааст.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат пешгирии хатарҳои молиявӣ боз ҳам васеътар нишон дода мешуд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ расонидан наметавонанд.

Диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, муаллифи он

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ сазовор мебошад.

Тақризнавис:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
Профессор
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Ш. Хайрзода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА